ПРОТОКОЛИ №18-и

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-088
назди Донишгоҳи давлатии Данғара

аз 06-уми июни соли 2026 н. Данғара

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

Раиси шуро: Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, №34/шд тасдиқгардида 10 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 3 нафар доктори илм ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи **Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода** дар мавзуи **«Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ.

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Ғаффорзода Ш.Ҳ. ва аъзои комиссия Асозода Ҳ.Р. ва Давлатов У.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳоднамудаи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Олимӣ Хосият Ҳоким** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

– **Собирзода Ҳамза Юсуф** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Данғара ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 22.08.2026, соати 10:00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидҷаъфаров О.Ш.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Шаробова М.Қ.